Карим Ҳалимов

# СУРУД ва МУСИҚӢ

**Китоби дарсӣ барои синфи 6**



*Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст*

Душанбе
"Маориф"
2014



ББК 74.26 Я72
М 80

К. Ҳалимов: Суруд ва мусиқӣ барои синфи 6. Душанбе: «Маориф». - 2014, 88 саҳ.

**Муҳаррири мусиқӣ** профессор Ҷ. Обидпур
**Муҳаррири адабӣ** С. Аминов
**Муқарризон:**
номзади илмҳои таърих А. Зубайдов
дотсент Д. Қӯчқоров
омӯзгор Қ. Подшоев

**Хонандаи азиз!**

Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва онро эҳтиёт намоед. Кӯшиш ба харҷ диҳед, ки соли хониши оянда ҳам ин китоб бо намуди аслиаш дастраси додару хоҳарҳоятон гардад ва ба онҳо низ хизмат кунад.

***Истифодаи иҷоравии китоб:***

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб *(баҳои китобдор)* | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли хониш | Охири соли хониш |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

ISBN 978-99947-719-1-2

© «Маориф», 2014

# Рамзҳои давлатии Тоҷикистон



Нишон



Парчам

# Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шеъри Гулназар Келдӣ

Мусиқии Сулаймон Юдаков

Диёри арҷманди мо,
Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,
Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.
Зи дурии замонаҳо расидаем,
Ба зери парчами ту саф кашидаем, кашидаем.
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Барои нангу номи мо
Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,
Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ,
Хазон намерасад ба навбаҳори ту,
Ки мазраи вафо бувад канори ту, канори ту.
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Ту модари ягонаӣ,
Бақои ту бувад бақои хонадони мо,
Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо,
Зи ту саодати абад насиби мост,
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост, ҳабиби мост.
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Мутрибе мегуфт Хусравро, ки эй ганҷи сухан,
Илми мусиқӣ зи ҷинси назм некутар бувад.
***Хусрави Деҳлавӣ***

# АЗ МУАЛЛИФ

Мусиқӣ яке аз қисмҳои таркибии фарҳанги маънавӣ буда, таърихи бостонӣ дорад. Ҳанӯз 1400 сол пеш хунёгари машриқзамин Борбади Марвазӣ бо навозиши фавқулодаи худ мардуми оламро ба ҳайрат мононда буд. Шумо – ворисони таърихи куҳан аз дунёи маънавӣ, хусусан аз нозукиҳои санъати мусиқӣ бояд хуб огаҳӣ дошта бошед. Жанрҳои мусиқиро фарқ карда тавонед. Китоби пешниҳодшуда дониши шуморо дар бораи мусиқӣ боз ҳам мукаммалтар мекунад.

Дар давоми соли хониш шумо аз ин китоб сурудҳои гуногунро аз худ намуда, овозхонии худро сайқал медиҳед. Ба ҳамсароён ҷӯр шуда, хонданро меомӯзед. Ҳангоми тартиб додани ин китоб ҷараёни таълими мусиқии имрӯза пурра ба назар гирифта шудааст. Ҳоло санъати сарояндагӣ чунон босуръат инкишоф ёфта истодааст, ки қариб ҳама мехоҳанд сароянда бошанд. Бо назардошти хусусиятҳои равонӣ ва синнусоли талабагони синфи 6 маводи китоб интихоб шудаанд. Бояд оҳиста-оҳиста барномаҳои сурудхонӣ ба талаботи синнусолии талабагон мувофиқ кунонида шаванд.

Қисми асосии дарс бо сурудхонӣ мегузарад. Аз ин рӯ, барои машқ додани овоз беҳтарин порчаҳои хурди оҳанг ва сурудҳои кӯтоҳ дар китоб ҷой дода шудаанд.

Инчунин машқҳо бо номи нотаҳо оварда шудаанд. Мувофиқи талаботи барнома дар синфи 6 бештар сурудҳои дуовоза иҷро карда мешаванд. Ба мақсади ҳосил намудани малака овозхонҳо машқҳои дуовозаро меомӯзанд. Барои он ки машқҳои овозхонӣ дилбазан нашаванд, як қисми онҳо ба тарзи ҳаҷву танз суруда мешаванд. Қисми боқимондаи машқҳо барои бурро талаффуз кардани калимаву ибораҳо пешниҳод шудаанд.

Дар китоб дар бораи ду оҳангсоз маълумоти пурра дода шудааст, то ки шумо, хонандагони азиз, бо ҳаёт ва эҷодиёти онҳо ошно гашта, паҳлуҳои эҷодиёташонро баррасӣ карда тавонед. Дар охир аз эҷодиёти ин оҳангсозон намунаҳо меомӯзед.

Қисми дигари маводро адвори мусиқӣ ташкил медиҳад. Шумо, хонандагони азиз, он донишеро, ки дар синфи 5 гирифта будед, дар синфи 6 такрор карда, омӯзиши адворро давом медиҳед. Зарурияти дониши адвор дар он аст,

ки шумо аз рӯйи нота сурудхониро ёд мегиред ва минбаъд мусиқии ҷаҳониро аз рӯйи нота мутолиа карда метавонед.

Қисми дигари мавод гӯш кардану дарки мусиқиро меомӯзад. Барои гӯш кардани мусиқӣ вақт ҷудо нашуда бошад ҳам, омӯхтани онро зарур мешуморем. Дар китоб омадааст, ки мо ҳама пайваста дар иҳотаи мусиқӣ мебошем. Моро шабу рӯз мусиқии ҷаҳонӣ фарогир аст. Мусиқӣ сарҳад надорад. Фақат бо роҳи таълим, каме бошад ҳам, мо метавонем аз дунёи ғании мусиқӣ ба таври зарурӣ ҳаловат барем.

Дар китоби дарсии пешниҳодшуда барои гӯш кардани мусиқӣ бисёр навоҳои халқӣ, намунаҳо аз мусиқии «Шашмақом» ва «Фалак» ҷой дода шудаанд. Ба ақидаи мо, мусиқии миллиро нафаҳмида ва наомӯхта оҳангҳои халқҳои дигарро мутолиа ва дарк кардан ғайриимкон аст. Дар қисми хотимавии китоб адабиёти иловагӣ дода шудааст, ки онҳо бо салоҳияти муаллими мусиқӣ истифода карда мешаванд. Китоб дар ин шаклу мундариҷа ва методикаи дарсомӯзӣ бори аввал чоп мешавад. Шояд он аз камбудиҳо холӣ набошад. Аз эҳтимол дур нест, ки дар давоми ду-се соли истифода фикру мулоҳизаҳои зиёде пайдо мешаванд. Мо омода ҳастем, ки ҳамаи фикру мулоҳизаҳои танқидиро ба ҷону дил бипазирем ва барои дар оянда ислоҳ кардани он бикӯшем.

***Карим Ҳалимов***

# СУРУДИ МИЛЛИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шеъри Г. Келдӣ

Мусиқии С.Юдаков






1

Диёри арҷманди мо,
Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,
Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.
Зи дурии замонаҳо расидаем,
Ба зери парчами ту саф кашидаем, кашидаем.

Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

2

Барои нангу номи мо
Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,
Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ.
Хазон намерасад ба навбаҳори ту,
Ки мазраи вафо бувад канори ту, канори ту.

Нақарот;

3

Ту модари ягонаӣ,
Бақои ту бувад бақои хонадони мо,
Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо,
Зи ту саодати абад насиби мост,
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост, ҳабиби мост.

Нақарот.

Баъд аз соҳиб шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқлолияти давлатӣ шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ матни нави Суруди Миллиро эҷод намуд.

Иҷрои ин суруди рӯҳафзо аз пардаи панҷуми сози **ля минор** оғоз гардида, дар вазни нотаҳои ҳаштякӣ ва шонздаҳякӣ садо медиҳад, ки он ба мусиқӣ хусусияти тантанавӣ бахшидааст.




Матни сурудро бо ҳаракати усули оҳанг такрор кунед. Ҳамаи хонандагони синф бо зарби дойра мусиқӣ ва матни онро аз худ мекунанд.

Иҷрои се тактеи аввал барои сароядагон мураккаб аст. Якбора бо оҳанг талаффуз кардани калимаи «арҷманди» мушкил аст. Бинобар ин калимаро бе оҳанг бо усули дойра 2-3 маротиба такрор намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар пардаи муайян тозаву бехато хондани суруд меҳнатталаб аст.




Авҷи суруд бо тамоми қувва иҷро карда мешавад. Аз ин рӯ, онро бо иҷрои такрор ба такрори машқи зерин аз худ кардан мумкин аст.



## МО ДАР ИҲОТАИ МУСИҚӢ

Оё ягон вақт сари он андешидаед, ки мусиқӣ санъати бузург аст, бе он зиндагии инсон тасаввур карда намешавад. Ҳар пагоҳӣ барвақт бедор шуда, аз телевизион ва радио мусиқӣ мешунавед.

Дар ҳамаи барномаҳо мусиқӣ садо медиҳад. Ягон намоиши кино, саҳнаи театрӣ ва барномаи телевизионӣ бе мусиқӣ иҷро намегардад.

Мусиқӣ дар толорҳои воситаҳои нақлиёт, дар кайҳон ва ҳатто дар гӯшакҳои телефон садо медиҳад.

Санъати мусиқӣ чунон қудрати бузурге дорад, ки дар ҳолатҳои гуногуни зиндагӣ шуморо ҳамдаму мунис гашта, аз ранҷуриву маъюсӣ мераҳонад.

Бо хусусиятҳои хоси худ санъати мусиқӣ ба эҳсосоти инсон таъсир мерасонад. Вале бидуни донишу малака мусиқиро гӯш кардан, нозукиҳои онро дарк намудан ва аз он ҳаловат бурдан ғайриимкон аст. Дониста бошед, ки санъати мусиқии тоҷик ҳанӯз 1400 сол пеш дар иҷрои хунёгари Шарқ-Борбади Марвазӣ дунёи машриқзаминро тасхир карда буд.

Шумо мусиқии классикии тоҷик «Шашмақом»-ро бояд гӯш карда тавонед ва аз он ғизои маънавӣ бардоред. Мусиқии халқии «Фалак»-ро гӯш карда, навъҳои «фалак» ва қисмҳои онро фаҳмидан барои ҳар касе, ки мусиқачии касбӣ шудан мехоҳад, шарт ва зарур аст. Марому орзуҳои мардум дар санъати достонсароӣ (гурғулисароӣ) таҷассум ёфтааст, ки бояд шумо онро шунида, аз мазмуни он натиҷабардорӣ карда тавонед.

## ОВОЗИ ХУДРО ЭҲТИЁТ КУНЕД

Табиат ба одамизод овозро ато кардааст, ки он хеле нозук буда, имконият медиҳад, ки инсон ба воситаи он рангорангии ҳаёт, табиат, ҳолатҳои гуногуни ҳиссиёти худро дарк ва фикру ақидаашро нисбат ба зиндагӣ изҳор намояд. Инсон ба воситаи пардаҳои гуногуни овоз ҳиссиёти гуногуни хеш – хурсандӣ, ҳаяҷон, тарсу ваҳм, қаҳру ғазаб, ишқу муҳаббаташро баён мекунад. Нутқи одамизод дар гуфтор ба ҳар навъ аст, вале овоз қудрати мафтункунандагӣ дорад Вақте ки одамизод месарояд, суханаш нишонрас ва тасхиркунанда мегардад.

Дар якҷоягӣ бо садои ғижаку наю чангу рубоб хушоҳанг садо додани овози одам рангу тобиши махсусро касб мекунад.

Овоз боигарии беҳамто мебошад, ки онро табиат на ба ҳар кас ато мекунад ва бояд онро эҳтиёт намоем ва сайқал диҳем.

Аз тариқи телевизион ва радио овозхонии бисёр сарояндагони машҳури ватанӣ ва хориҷиро шунидаед. Агар аҳамият дода бошед, баръало эҳсос кардаед, мафтункунанда, форам, зебо ва таъсирнок аст. Суруд нарм ва

равон садо медиҳад. Овозҳо ғайритабиӣ нестанд. Дар амали умумии онҳо низ овозхонии зӯракӣ ҳис карда намешавад.

Оҳангсозоне, ки суруд меофаранд, хусусиятҳои овозхононро хуб медонанд. Баъзан ҳайрон мешавед, ки сароянд агон ҳамеша бо як ҳиссиёти баланди иҷрокунандагӣ ҳунарнамоӣ мекунанд. Онҳо ҳамсолони шумоянд. Фақат асрор дар он аст, ки ба машқи овозхонӣ бештар аҳамият додаанд.

Чун солҳои гузашта дар дарси мусиқӣ ба хорсароӣ аҳамияти хосса дода мешавад. Аз ин хотир эҳтиёт намудани овозро зикр кардем. Воқеан, ҳар кадоми шуморо зарур аст, ки ба овозхонӣ эътибори махсус диҳед.

Хусусан дар синфи 6 аз баланд хондани суруд эҳтиёт кунед. Барои он ки дар синни 12-13 солагӣ дигаргуншавӣ ё ба ибораи дигар раванди шикасти овоз сар мешавад. Шумо калонтар мешавед, баъдан ва овози шумо низ бузургтар мешавад. Дигаргуншавии овоз ба вусъати ҳалқ, садопарда ва узвҳои нафаскашӣ вобастагӣ дорад.

Дар ин давра сурудани овозҳои баланд барои шумо мушкил мешавад. Овозхонии шумоён паст мешавад, фосилаи (диапазони) овоз кӯтоҳ магардад, баъзан овоз пурра садо намедиҳад.

Дар ин давра баланд ва бошиддат хондан хуб нест. Ба назар нагирифтани ин хусусиятҳо дар авҷҳои ниҳоят баланд ва пасти садо бароятон зарар дорад.

## ҚОИДАҲОИ СУРУДХОНИРО БА ЁД ОРЕД

Сараввал ба эътибор гирифтани гузориши овоз дар сурудхонӣ ва риояи қоидаҳои нафасгирӣ шарт аст. Ин талабот дар синфи 6 талаботи махсусро тақозо менамояд. Бо овози табиии худ озодона, мулоим ва бешиддат хонданро омӯзед. Ҳарфҳои садонокро дуруст талаффуз карда, озодона даҳонро кушоед. Лабҳо ба сурати ҳарфи «О» ғунча карда шавад, ҳарфҳои ҳамсадо ба пуррагӣ талаффуз гарданд. Сурудро дуруст ва бо мазмун иҷро намоед. Дар ҳамсароӣ иштирок намуда, бояд ба ҳамдигар гӯш диҳед. Ҳама баландӣ, суръатнокӣ ва қувваи овозро ҳангоми иҷрои сурудҳои яковоза бояд нигаҳ доранд. Овози худро ба сурудхонии рафиқонатон ҷӯр сохта, ба тозахонӣ диққат диҳед.

Дар иҷрои сурудҳои дуовоза кӯшиш намоед, ки овозатон бо гурӯҳи сарояндагон тоза садо диҳад.

Кӯшиш кунед, ки дар мобайни ду овози мустақил, овози шумо раҳгум назанад. Ба овозхонии гурӯҳи дигари хорсароён гӯш диҳед, то ки фарқи ду гурӯҳи ҳамовозхононро ҳис карда тавонед.

Якҷоя бо ҳамсинфон яке аз сурудҳои бароятон ошноро сароед. Иҷрои суруди «Як дона гул» ба мақсад мувофиқ аст.

# МАШҚИ ОВОЗХОНИИ УМУМӢ

Барои овозхони хуб шудан ва такмили овози сарояндагӣ машқҳои махсус гирифтан лозим меояд.

Машқҳо дар чорчӯбаи як овози ҷудогона, қаторовозҳо ва ё дуовоза сурат мегирад. Баъзан бо истифодаи ҷумлаҳои ҷудогонаи сурудҳои бароятон ошно ё оҳанги пурраи он овозхонӣ машқ карда мешавад.

Дар вақти машқ ба тозагии оҳанг, лаҳзаҳои нафасгирӣ, даҳони ба шакли доирашуда дар талаффузи ҳарфҳои садонок аҳамият дода, суръати овозхониро риоя кардан зарур аст.

## МАШҚИ ЯКОВОЗА

1. Машқро дар як садо иҷро намоед, ба сароядагии ҳамсинфон аҳамият дода, аз хорсароён овози худро ҷудо накунед.

**Муътадил**




2. Машқро ҷоннок иҷро кунед, ҳиҷоҳоро бо пуррагӣ талаффуз кунед. Дар ҷойҳои нишондодашуда нафас гиред.



3. Нотаҳоро аввал бо нармӣ-оромона, баъд канда-канда бошиддат иҷро намоед.




4. Машқи навбатиро оромона, батамкин хонед. Ҳиҷои «ҳанг» ва «за»-ро каме бошиддат сароед. Ҳангоми хондани ҳарфи «о» ва ҳиҷои «ро» даҳонро дойрашакл кунед.




5. Ба тоза хондани фосилаҳо (интервал) диққат диҳед. Дар вақти хондани фосилаҳо ба ҳамдигар гӯш карда, онҳоро ҳамвор ва равон хонед. Кӯшиш кунед, ки ҳар як нота дар баландӣ ва пастии худаш садо диҳад.




6. Дар андозаи 6/8 оғоз ёфтани оҳанг бо синкопа ба мусиқии тоҷикӣ характернок аст. Мусиқии мардумӣ бештар дар андозаҳои 5/8, 6/8 ва 7/8 эҷод шудааст, ки ҳама бо синкопа суруда мешаванд. Дар вақти иҷрои суруди пешниҳодшуда ба хондани нотаҳои ҳаштякӣ ва синкопа аҳамият диҳед.




7. Фосилаи байни овози якум ва ҳаштумро бо нота тоза хонед. Ба хондани нотаҳои ҳаштякӣ ва шонздаҳякӣ аҳамият диҳед.



# МО ҲАМ КОР ДОРЕМ

Шеъри Г. Сафиева

Мусиқии К. Ҳалимов




8. Нотаҳои шонздаҳякиро бурро мехонем. Машқи пешниҳодшуда ба ин мувофиқ аст. Боварӣ ҳосил кунед, ки чор нотаи шонздаҳякиро баробар хонда метавонед.



# МАШҚҲОИ ДУОВОЗА

Барои дар машқҳои дуовоза малака ҳосил намудан мо бояд ҳамдигарро, ҳаракати овози якум ва дуюмро дар нота ва оҳанг гӯш карда, онро тоза иҷро намоем, то ки ҳар ду овоз баробар садо дода, ҳамовозии умумиро ба вуҷуд биёрад.

1. Барои хосил намудани малака чор машқи ба ҳам алоқамандро пешниҳод мекунем. Ба фосилаи овози болоӣ ва поёнӣ аҳамият диҳед.




2. Дар ҳамовозии мусиқии халқӣ ва касбӣ фосилаи секундаи хурд ва секундаи калон бисёр шунида мешавад, ки он ба усули навоҳои тоҷикӣ хос аст.




3. Дуовозае, ки ба шумо пешкаш карда мешавад, дар омӯзиш мураккаб нест, вале нотаҳои кашишдорро дуруст хонед, дар ҷойҳои ишораёфта нафаси кӯтоҳ гирифта, дар баландии як садо овозро тоза нигоҳ доред. Овозҳо дар пайравӣ ва тақлид иҷро карда мешаванд.

Ҳамдигарро гӯш карда хонед.



# ДАР ТАКОБ

**Бо суръат**

Шеъри Б.Аҳмадзода




4. Машқро аз рӯйи нота сароед. Ба овози дуюм аҳамияти махсус диҳед, зеро овози дуюм ба қатововозаи **До-мажор** ҳамроҳ шуда, ду оҳанги мустақилро ташкил мекунад. Аввал овози дуюмро аҳли синф аз худ намояд. Баъд дуовозаро пайи ҳам иҷро кардан лозим аст. Ҳамин гуна хондани дуовозаро **полифония** меноманд. Ҳар ду гурӯҳ оҳанги мустақили худро иҷро мекунад, ин усули хониш шуморо ба завқ меорад.

**Andantino (оромона)**





5. Суруди «Гули себ» бо суръати на он қадар тез хонда мешавад. Он дар фосилаҳои **терсия** ва **кварта** дуовоза суруда мешавад. Шумо, хонандагони азиз, баробар хондани **синкопаи** оҳангро бояд омӯзед. Азхудкунӣ аз оҳанги дуюм шурӯъ мешавад, чунки сароҳанг дар омӯзиш мушкилие надорад. Агар омӯзиш бо мусиқӣ ва усули дойра сурат гирад, азхудкунии он вақти зиёдро талаб намекунад.

## ГУЛИ СЕБ

Оҳанги халқ — Такмили Х. Абдуллоев






Бо нота мехонем:

# РӮДИ ВАХШ

Шеъри С. Аюбзодаи Маҳзун | Мусиқии К. Ҳалимов




Дар оғози азхудкунӣ сурудро ҳамаи синф бо суръати суст, аз рӯйи нота меомӯзанд. Такрори мисраъҳои шеър низ дар ҳамин суръат анҷом мегирад. Вақте ки суруд аз худ карда шуд, давоми он бо саволу ҷавоби писарон ва духтарон иҷро мешавад. Ҳар ду гурӯҳ бояд кӯшиш намоянд, ки суруд дар якҷоягӣ ва алоҳида тоза садо диҳад.

# СОХТИ ЛАҲНҲО (ЛАН)

Ба шумо маълум аст, ки ҳар як қаторовоза дар зинаҳои нота низоми ҷойгиршавии худро дорад. Аз **До-мажор** то **До-мажорро** дар бар мегирад. Дар низоми қаторовозаҳои минорӣ ҳам чунин аст. Баъди гардиши як давраи **кварта-квинтоӣ** система ба ҳафт **диезу-бемол** хотима меёбад ва онҳо садои якхела медиҳанд.

Ба ғайр аз ин, системаҳо боз дар инкишофи таърихи мусиқӣ бо миқдори зинаҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд. Дар қаторовозаи мажорӣ лаҳнҳо бо номи **лидӣ, ионӣ, миксолидӣ** ва дар қаторовозаи минорӣ лаҳнҳои **дорӣ, золӣ** ва **фригӣ** дохил шудаанд.

Дар қаторовозаи **лидӣ** зинаи чорум ним парда (тон) баланд шуда, квартаи **лидӣ** ё **тритонро** (дорои се парда) ташкил медиҳанд.



**Ионӣ** қаторовозаи аслӣ мебошад.



**Миксолидӣ** - ин лаҳн ба мусиқии халқҳои Осиёи Миёна наздик аст.



Дар қаторовозаи он зинаи ҳафтум **(септима)** ним парда (тон) паст карда мешавад.

**Дорӣ** қаторовозаи **минорӣ** буда, дар он зинаи шашум (VI) ним парда баланд карда мешавад.



**Эолӣ** қаторовозаи минори аслӣ мебошад.



**Фригӣ** аз минори натуралӣ бо зинаи дуюми ним парда (тон) пастшуда фарқ мекунад, ки онро секундаи **фригӣ** меноманд.



# ФАТТОҲ ОДИНА



Суруди аввалини ӯ «Нағз медонӣ» ҳанӯз соли 1955 эҷод шуда буд. Фаттоҳ Одина зиёда аз 50 сол эҷод кардааст.

Сурудҳои «Сеторӣ», «Парастуи фирорӣ», «Рақси зебо», «Ошиқаме», «Ҳайф аз гули ночидаам», «Резаборон» ва боз бисёр таронаҳоро номбар кардан мумкин аст, ки ба дили ҳар як шунаванда роҳ ёфта, сурудҳои дӯстдоштаи мардум гардидаанд.

Фаттоҳ Одина 22 июли соли 1938 дар деҳаи Кангурти ноҳияи Совет ба дунё омадааст. Баъд аз хатми омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе соли 1962 ба Консерваторияи шаҳри Маскав дохил мешавад. Ҳамчунин соли 1966 аспирантураи Донишкадаи давлатии педагогии ба номи Гнесинҳоро хатм мекунад. Чун оҳангсоз дар давоми ин солҳо зиёда аз 250 асарҳои мусиқӣ эҷод кардааст.

Фаттоҳ Одина оҳангсозест, ки домани эҷодиёташ хеле фарроху рангин буда, суруду оҳангҳои офаридаи ӯ дар тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ, дар барномаҳои ҳунармандони касбӣ ва ҳаваскор садо медиҳанд. Як бахши муҳимми эҷодиёти Фаттоҳ Одинаро такмил ва коркарди суруду навоҳои мардумӣ ташкил мекунад. Бамаврид аст ин ҷо асарҳои «Ман доғ», «Оҳуи дар кӯҳсор», «Фалак», «Чорзарб»-и ӯро ёдрас шавем.

Дар эҷоди ин асарҳо Фаттоҳ Одина он қадар маҳорату завқи баланд зоҳир намудааст, ки дар шакли дигар садо додани онҳоро тасаввур кардан амри маҳол аст. Бахусус бо ҳамовозии оркестри симфонӣ садо додани «Фалак» бо дутор худ як бозёфти нотакрор буд. Вай дар тамоми шаклу жанрҳои санъати мусиқӣ асар офаридааст.

Опера, сюита, опера-консерт, романс, соната, асарҳои камеравӣ, сурудҳои эстрадӣ - дар эҷодиёти ӯ ҷой доранд. Танҳо дар 5-6 соли охир 50 асари хурду калон навиштааст. Достонҳои «Аҳурамаздо» кантатаи 5-қисма, «Ироқи Дарвоз», ду кантатаи яққисма «Қасам» ва «Тоҷикистони ман», дуэт барои ду фортепиано ва дигар асарҳо аз ҷумлаи онҳоянд.

Фаттоҳ Одина барҳақ асосгузори симфонияи тоҷик мебошад. Ӯ зиёда аз 15 асари симфонӣ иншо намудааст. Дар байни онҳо симфонияҳои «Дар Помир», «Фалак», «Ҳисори ман», увертюраи «Ҷавонӣ» ва «сюитаи Мавригӣ» мақоми хоссае доранд. Фаттоҳ Одина инчунин барои бисёр кинофилмҳо ва намоишҳои театрӣ оҳанг эҷод кардааст. Операҳои якпардагии «Бузаки ҷингилапо» ва «Парасту» маҳсули қаламии ӯянд.

Фаттоҳ Одина ҳамчунин барои наврасон сурудҳои зиёд офаридааст, ки аксари онҳо хуб пазируфта шудаанд. Бахусус сурудҳои «Фирӯзаҷон хобидааст», «Баррачаи масти ман», «Ватанро месароем», «Наврӯз», «Модари меҳрубони ман» дар байни наврасон маҳбубият доранд. Фаттоҳ Одина дорандаи мукофоти ба номи А. Александров, дорандаи мукофоти ба номи Абӯабдуллои Рӯдакӣ, профессори консерваторияи миллии тоҷик буд. Ҳаёт ва эҷодиёти Фаттоҳ Одина барои шумо, ҷавонон, ибратомӯз буда, асарҳои офаридаи ӯ барои тарбияи маънавии мардум хизмат мекунанд.





22

Суруд мехонем:

# МО ТОҶИКОНЕМ

Шеъри Л.Шералӣ

Мусиқии Ф.Одина

**Moderato Maestoso (муътадил, бо тантана)**






Шеъри аввалин,
Шеъри ҷовидон,
Рукни поядор,
Мо дар ин ҷаҳон.
Ҳам наҷибу
Ҳам ғарибу
Ҳам пуртавон,
Зинда мондаем
Аз ҷаври замон
То абад!
Ҳам лиқою
Ҳам бақоям
Эй Ватан туӣ,
То абад!
Ҳам навою
Ҳам сафои

Ҷону тан туӣ.
Ҷавшанам туӣ,
Мадфанам туӣ,
Бахти неку
Фоли неку
Маъманам туӣ.
Фардои шоду
Равшанам туӣ.
Мо тоҷиконем,
(Мо тоҷикон)
Мо Ориёнем,
(Мо Ориён).
Алҳамдуллилоҳ
Бо дини пок
Мо ҷовидонем,
Мо ҷовидон.

Яке аз сурудҳои Фаттоҳ Одина «Мо тоҷиконем» ном дорад, ки матни онро шоири тавонои тоҷик Лоиқ Шералӣ офаридааст.

Ин суруд ба ҷашни истиқлолияти Тоҷикистон бахшида шудааст. Шумо онро бо як ҳисси ватандустӣ аз худ намоед.

Шеър дар пояи баланди тарбиявию фидокорӣ, тавоноию ватандӯстӣ иншо шудааст.

Характери мусиқӣ ба мазмуни шеър зич алоқамандӣ дорад, ки онро шумо бо ҳиссиёти баланди ватанпарварӣ иҷро карда метавонед.

Ҳарчанд оҳанг барои омӯзиш мушкил набошад ҳам, ба аломатҳои дар он омада **диезу – бемол** ва аломати **бекар** аҳамият диҳед. Ба характери иҷрои суруд зеҳн монед. Суруд дар сози **ре-минор** эҷод шудааст. Сеовозаи **минории** онро чӣ хел муайян мекунем? Аз овози асосии он **ре-фа-ля**, сеовозаи минорӣ сохта мешавад. Сурудро аз худ карда, ба лаҳзаҳои дуовозаи он аҳамият диҳед. Сурудро дар суръати суст, бо овозҳои ҷудогона омӯхта, баъд якҷоя хондан лозим аст.




Машқи дуовоза барои авҷи суруд:



Қисми хотимавии суруд алоҳида омӯхта шавад. Нимпардаҳои оҳанг ба суръати суст аз бар карда шаванд, хусусан ба дуруст садо додани **терсияи** хурд аҳамият дода шавад.




Агар овозхонҳои **дискант** дар синф кам бошанд, шарт нест, ки охири суруд дар фосилаи **октава** хонда шавад.



# ДУОИ МОДАР

Шеъри Р. Назрӣ

Мусиқии К. Ҳалимов




Ға - ми дил ди - ҳад а - зо - баш, бу - па - рад зи ди - да хо -
баш, Ба на - зар на - до - рад о -
хир ша - би бар - да - во - ми мо - дар.
Ғичак:
анс.
Ба на - мо - зи бом - до -
даш та - ла - бад ҳа - ма му - ро - даш. Ба ра - ҳи
у - мед бо - шад ни - га - ҳи му - до - ми мо - дар. Зи ду - о -
и мус - та - ҷо - баш ба ча - ҳон ра - сад са - во - баш, Ра - вад аз
а - зал па - ё - пай ба а - бад па - ё - ми мо - дар. Ра -вад аз




Қасаме ба шири модар, қасаме ба номи модар,
Ду чаҳон киро надорад ба як эҳтироми модар.
Нигарам ба мурғи хуршед,ба намози шоми модар,
Чу фаришта менишинад ба канори боми модар.
Ғами дил диҳад азобаш, бупарад зи дида хобаш,
Ба назар надорад охир шаби бардавоми модар.
Ба намози бомдодаш талабад ҳама муродаш,
Ба раҳи умед бошад нигаҳи мудоми модар.
Зи дуои мустаҷобаш ба чаҳон расад савобаш
Равад аз азал паёпай ба абад паёми модар.

## ЗАРБУ УСУЛ

Дар як низоми муайян, пайи ҳам ҳаракат намудани садоҳои гуногуни мусиқиро усул меноманд. Усул яке аз муқаддимаҳои асосии забони мусиқӣ ба шумор меравад, хусусан дар мусиқии тоҷикӣ. Бе зарби дойра ягон ҳаракати мусиқӣ сохта намешавад. Усул қувваи бузурги тасвиркунандаро молик аст. Баъзан аз усули оҳанг хусусиятҳои гуногуни мусиқиро дарк мекунем. Хусусиятҳои гуногуни ҳаракати мусиқиро дар оҳангҳои шинос муайян намоед:




Зарбҳои мусиқиро бо қарсак задан муайян намоед. Усули саршавии суруди «Мо тоҷиконем»-ро ба хотир биёред ва онро бо нота нависед.

Суруд меҳонем:

# ШАҲРИ МАН

Шеъри С.Давлатзода

Мусиқии К. Ҳалимов




mf
tr tr tr
ДУХТАРОН:
О - би ту бар ҷо - ни мо мар -
ҳам бу-вад, Но - ни ту бар хо - ни мо ҳам - дам бу-вад.
ПИСАРОН:
ДУХТАРОН:
Аз Ху-до хо - ҳем мо ҳар лаҳ - за - е, Зин - да-гӣ дар
маз - ра-ат хур - рам бу-вад.
ПИСАРОН:
ДУХТАРОН:
Бу-хо - ро-и на-ви - нӣ ту Ба то - ҷи мо ни-ги - нӣ ту
ХОР:
Ба то - ҷи мо ни-ги - нӣ ту
mf
хор
Шо - и-ро-нат шеър чу ин - шо ку-нанд,
mf




1

Хонаи умедҳоӣ, шаҳри ман.
Лонаи хуршедҳоӣ, шаҳри ман.
Номи шуҳратбори ту вирди забон
Ҳамчу дилдардошноӣ, шаҳри ман.

Нақарот:

Душанбе шаҳри нозанин.
Душанбе шаҳри дилнишин.

2

Оби ту бар ҷони мо марҳам бувад,
Нони ту бар хони мо ҳамдам бувад.
Аз Худо хоҳем мо ҳар лаҳзае,
Зиндагӣ дар мазраат хуррам бувад.

Нақарот:

3

Шоиронат шеър чу иншо кунанд,
Зеҳну маънии туро ифшо кунанд.
Бухорои навинӣ ту
Ба тоҷи мо нигинӣ ту

Нақарот:



Суруд дар сози до-минор эҷод шуда, бо суръати на он қадар тез иҷро карда мешавад. Дар вақти иҷрои суруд ба матни он аҳамият диҳед, ки мазмуни он аз васфи пойтахти зебоманзари тоҷикон – Душанбе иборат мебошад.

Асари мазкур дар қатори дигар сурудҳо дар озмуни сурудҳои бахшида ба 80-солагии шаҳри Душанбе баҳои баланди мутахас-

сисонро сазовор гардидааст. Пеш аз он ки ба омӯзиши ин суруд шурӯъ кунем, бояд усули шеърро бо қарсак задан муайян намоем. Дар як тақтеи мусиқӣ ду қарсак зада мешавад. Баъди ин амал, мисраъҳои аввали оҳангро бе қарсак, вале бо усули тақтеъ давом додан лозим аст. Баъди аз худ намудани зарби оҳанг бо суръати миёна сурудро меомӯзем.

Дар омӯзиш ҳама аъзоёни синф бояд фаъол бошанд. Дар сурате ки аҳли синф сурудро пухта аз худ намудаанд, яккахонҳову (яккахонҳо метавонанд 2-3 нафар бошанд) хорсароёнро интихоб кардан лозим аст. Ҳангоми иҷрои суруд матни шеърро духтарон ва писарони овозхон бурро талаффуз кунанд. Ҳамчун ёридиҳандаи оҳанги асосӣ хорсароён бояд калимаи «Шаҳри ман»-ро пурра талаффуз намоянд.

Ҷавоби хорсароён.




Бо хондани калимаи «дилдардошноӣ» аҳамият диҳед. Онро алоҳида такрор намоед.



Хорсароён дуовозаро ҷудогона омӯхта, баъд якҷоя иҷро мекунанд. Ба тоза садо додани фосилаи **терсия** ва **квинта** аҳамият диҳед:




Ин қисми оҳангро дар суръати суст бо нота хонед. Садо додани нотаи **ми бекар** дар овози якум хушоҳангии **мажориро** ифода мекунад. Баъди такрор ба такрор хондани он боварӣ ҳосил кунед, ки фосила тоза садо диҳад. Агар омӯзиши суруд аз фосилаи **кварта** шурӯъ шуда бошад, оғози банди дуюм аз фосилаи **квинта** сар мешавад.



Диққат диҳед, ки нотаи до тоза садо диҳад. Машқи зеринро такрор кунед:




Авҷи суруд дар банди дуюм омӯхта мешавад, тобишнокии оҳанг дар авҷ меҳнатталаб аст.




Иҷро кардани ин ҷойи оҳанг аз овозхонҳо нафаси чуқур ва пурқувватро талаб мекунад. Бинобар ин ду тақтеи онро ба суръати суст бо нота такрор кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Овозхонҳое, ки фаҳмиши мусиқиашон баландтар аст, ҳамин нуктаро хуб омӯхта, барои дигарон ибрат шуда метавонанд. Баъди як тақтеъ нафас гирифта, баъди тақтеи дуюм ва сеюм такроран нафас гирифта мешавад.

Омӯзиши банди сеюм мушкилие надорад, вале оғози хониши чор мисраи суруд бо фосилаи квинта иҷро карда мешавад, ки ба тоза садо додани он аҳамият додан зарур аст. Баъди аз худ кардани суруд ба тартибу қоидаҳои иҷрои он аҳамият диҳед. Пас аз ҳар мисраи оҳанг бояд баробар нафас гиред. Кӯшиш намоед, ки суруд бо ҳиссиёт ва образнок иҷро карда шавад.

# ПАРДА ВА НИМПАРДА

Дар хотир дошта бошед, ки нимпарда камтарин фосилаест байни ду садои гуногун. Парда аз ду нимпарда иборат аст. Аз рӯйи нота парда ва нимпардаро муайян намоед. Оҳанги сурудро бо нота хонед.

1.



2.




3.




Дар аввали панҷ қатороvозаи **мажорӣ** ва **минорӣ** муайян кардани парда ва нимпарда:




Аз мисоли овардашуда муайян намоед, ки кадом оҳанг дар лаҳни мажорӣ ва кадоме дар лаҳни минорӣ садо медиҳад. Онро хонед. Оҳанг ба шумо шинос аст?




Мувофиқи ақидаи умум сурудҳои дар сози **мажорӣ** таълифшуда қариб ҳама бо шодиву дилхушӣ иҷро карда мешаванд. Вале ин нукта дар мавриди мусиқии тоҷик шарҳу эзоҳ мехоҳад.

Бештари сурудҳои халқӣ бо завқи баланди **мажорӣ** иҷро шаванд ҳам, онҳо дар сози **минорӣ** таълиф шудаанд. Ҳақиқати ин суханҳоро шумо дар мисоли суруди халқии «Уштур ба чаман» ба хубӣ эҳсос кардед.

ЧОРЯКИ ДУЮМ

# СУРЪАТ (ТЕМП)

Темп ба забони итолиёӣ – темпо (ҳаракат) буда, суръати иҷроиши ин ё он асари мусиқиро мефаҳмонад. Суръати иҷроиши мусиқӣ гуногун аст. Аз ин рӯ, ҳар кадоме бо истилоҳи алоҳида номгузорӣ мешаванд.

Масалан: Адажио – суръати суст, модерато-суръати миёна, аллегро-суръати тез ва ғайра.

Асбобе, ки суръати иҷроиши оҳангро муайян мекунад, «метроном» ном дорад. Оҳангсозон дар аввали асарҳояшон суръати иҷроиши онро муайян мекунанд. Суръати асари мусиқӣ ба характер ва мазмуни он вобаста аст.

Ҳамаи намудҳои суръати мусиқӣ бо истилоҳи итолиёӣ ифода карда мешавад.

Мусиқӣ мешунавем:

# ТАШНИЗ

Мусиқии халқ



Шумо мусиқиро гӯш карда тасаввур кунед, ки он бо ҳамовозии ансамбли созҳои миллӣ садо медиҳад Дар ҳайати ансамбл дойра, дутор, ғижак, чанг, най, рубоби афғонӣ ва дутор-бас иштирок доранд. Дар навозиши оҳанг бояд навозандагони асбобҳои ҷудогонаи ансамбл ҳунари навозандагии худро нишон диҳанд. Яъне онҳо бо лаҳни садои асбобҳои мусиқӣ гӯё пайваста дар баҳси саволу ҷавоби ҳамдигар бошанд.

Итминон дорем, ки баъди навозиш шумо ҳис мекунед, ки бароятон навозиши созҳои миллӣ маъқул шудааст. Шумо бо якчанд намуди садоҳои асбоби мусиқӣ шинос шудед.



Суруд мехонем:

# ВАТАН

Шеъри Б.Собир

Мусиқии К.Ҳалимов






Ба рӯйи хас равон шавад,
Нахи мизони хасрават.
Яке расад ба хотирам
Калобаҳои модарам. } 2 бор

Нақарот:
Ватан, Ватан, Ватан, Ватан,
Манам ба ту тани ба тан.
Ҳазор мушти санги ту,
Бувад ҳазор мушти ман.
Дар ин ҷаҳон қарори туст
Қарори ҳафт пушти ман.

Нақарот:
Ватан, Ватан, Ватан, Ватан,
Манам ба ту тани ба тан. } 2 бор
Вуҷуди туст аз ду тан,
Тани замину ҷисми ман.
Ману туем ҳамбадан.

Нақарот:
Ватан, Ватан, Ватан, Ватан,
Манам ба ту тани ба тан. } 2 бор



Чи хеле ки аз рӯйи адвор мебинем, мусиқии суруд бо тантана шурӯъ мешавад. Мазмуну мундариҷаи ҳар мисраи шеър самимӣ ва воқеӣ аст.

Ба рӯйи хас равон шавад
Нахи мизони хасрават.

Яке расад ба хотирам
Калобаҳои модарам.

Роҳи борики хасрави деҳаро пеши назар оред, ки он ба калобаҳои бофтаи модар монанд аст.

Бо диди шоир ватани бузурги мо аз деҳа сар мешавад, ки бо он тани ба тан ҳастем. Суруд аз се банд иборат буда, ду мисраи он ҳамчун нақарот такрор карда мешавад.

Оғози оҳанг дар сози **Ре-мажор** шуморо ба сурудани он тайёр мекунад. Чор нотаи оғози суруд барои шумо меҳнатталаб аст, онро бо ҳамовозии асбоб такрор кардан лозим аст.

Банди дуюми сурудро овозҳои якум ва дуюм пайи ҳамдигар, дуовоза иҷро мекунанд. Чунин хонишро дар назарияи мусиқӣ тарзи содаи **полифоникӣ** меноманд.




Барои дар хотир устувор мондани сози мусиқӣ сеовозаи мажории онро машқ мекунем. Ҳар ҷумлаи мусиқӣ бо як нафас хонда мешавад ва бинобар ин бояд нафаси чуқур гирифта шавад. Хусусан дар калимаҳои «вуҷуди туст» ва «ману туем» нафаси давомдор гирифтан зарур аст.

**Ватан**

Шеъри Бозор Собир, оҳанги Карим Ҳалимов.

Асар дар андозаи 6/8 эҷод шуда, суръаташ муътадил (moderato) мебошад. Суруд дар лаҳни ре можор навишта шудааст. Нозукии асар дар он аст, ки оҳанги он бояд, равон ва ба тарзи тантанавӣ иҷро карда шавад.

Мазмуни шеър бо оҳанг омезиши хуб ёфтааст. Дар суруд пайдарҳамии овозхонӣ истифода шуда, аз сароянда маҳорати баландро талаб менамояд.

## ПУРСИШИ ТАКРОРӢ ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМ

1. Суруди «Мо тоҷикон»-ро сароед.
2. Асарҳои оҳангсоз Фаттоҳ Одинаевро номбар кунед.
3. Сохти лаҳнҳо (лад) чӣ ном дорад?
4. Чаро овозхониро машқ мекунем?
5. Хусусиятҳои зарби мусиқии тоҷикӣ чӣ гунаанд?
6. Суруди «Шаҳри ман»-ро ба хотир биёред.
7. Парда ва нимпарда чист?
8. Банди якуми суруди «Ватан»-ро хонед.
9. Оҳанги мажорӣ ва минорӣ-ро чӣ хел мефаҳмед?
10. Чор мисраи «Суруди Садоқат»-ро хонед.

ЧОРЯКИ СЕЮМ

## СОХТИ ҚАТОРОВОЗАИ МАЖОРӢ

Нотаҳоро номбар карда, суруди шиносеро хонед ва муайян намоед, ки дар қаторовозаи пурра кадом зина намерасад. Аз суруд муайян гардид, ки қаторовоза аз нотаи до то нотаи ля номбар шудааст. Нотаи си ва нотаи до номбар нашуд.



Агар шумо ба созҳои клавишдори фортепиано, забонакдори аккордеон ва синтезаторҳо бодиққат назар кунед, хоҳед дид, ки мобайни **ми-фа** ва **си-до** нимпардагӣ ҷойгир шудааст.

Каторовозаи **до-мажорро** ҳамаи хонандагони синф бо нота мехонанд. Гурӯҳи якуми овозхонҳо қаторовозаи болоиро бо нотаи чорякӣ ва гурӯҳи овозҳои дуюмро бо нотаи ҳаштякӣ месароянд.

Суруд мехонем:

## ЗИНДАГӢ

Шеъри Л.Шералӣ

Мусиқии К.Ҳалимов




Гар на-сӯ - зам дар ғa-ми шеъ-ру су-хан, Зин - да - гӣ ан-де - ша-и
хо- ми - ман аст.
Эй у-ме - ди зин-даи
дил зин - да бош, дил-зин - да бош! Эй гу-ли иш-қи ҷа -вон, пур-хан - да бош,
пур-хан - да бош! Бе ту-ю бе иш-қи ту? Эй во - й дил - Зин-да - гӣ
зин-до - ни ман, до-ми ман аст
Кар-да иш - қи ту - ба дун
ё - о-ши-қам, ё - рей, Бо-ға-ми им-рӯ - зу фар - до о-ши- қам ҷо - ней




**Зиндагӣ**

Шеъри Лоиқ Шералӣ, оҳанги Карим Ҳалимов.

Андозаи суруд 6/8 ва **суръаташ саросема нашуда (moderato)** мебошад. Асар дар лахди сол можор эҷод шуда, дар оҳанг аломатҳои тағйирдиҳанда вомехӯранд. Дар баъзе ҷойҳои оҳанг ба ороиш ва кашиши овозҳо аҳамият додан лозим аст. Фосилаҳои **кварта** ва **квинта**, ки дар асар вомехӯранд, низ бояд тоза иҷро карда шаванд.

Мазмуни асосии суруд ба қадри зиндагӣ расидан ва аз он дуруст истифода бурдан аст.

## ЗИНДАГӢ

Зиндагӣ хуршед дар боми ман аст,
Зиндагӣ маҳтоб дар шоми ман аст.
Зиндагӣ ёри гуландоми ман аст,
Зиндагӣ Хайёми айёми ман аст.

Гар набошад номам аз номи Ватан,
Гар набошад хилқати ман сохтан.
Гар насӯзам дар ғами шеъру сухан,
Зиндагӣ андешаи хоми ман аст.

Эй умеди зиндаи дил, зинда бош!
Эй гули ишқи ҷавон, пурханда бош!
Дар мани миранда сад оянда бош!
Зиндагӣ парвози пайғоми ман аст.

Гар набошад ишқи ту дар синаам,
Гар набошад ёди ту ганҷинаам,
Гар набошад чашми ту ойинаам,
Зиндагӣ нафрину дашноми ман аст,

Гар набошад ишқи ту пайдои дил,
Ҷисм дунё беғами дунёи дил?
Бе туё бе ишқи ту? Эй вой дил!
Зиндагӣ зиндони ман доми ман аст.

Карда ишқи ту ба дунё ошиқам,
Бо ғами имрӯзу фардо ошиқам,
Аз замин то осмонҳо ошиқам,
Зиндагӣ сарҷӯши илҳоми ман аст.

Суруд мехонем:

# СУРУДИ САДОҚАТ

Шеъри К.Олимов

Мусиқии С.Билолов






Аё, Тоҷикистони озоди ман,
Умеди дилу хотири шоди ман.
Чу фарзанди ту ҳозирам бар дифо,
Ба ҳифзи ту ҷонро намоям фидо. - 2 бор

Нақарот:

Ватан, боиси ифтихорам туӣ.
Ватан, мабдаи эътиборам туӣ.
Ватан, тору пуди вуҷудам туӣ.
Ватан, қиблагоҳи суҷудам туӣ! -2 бор

2.

Манам ворисӣ Рустами Дастон,
Чу Восеи размовари паҳлавон,
Чу сарбози Темурмалики замон,
Наёбад зи ман душмани ту амон! - 2 бор

Нақарот:

Ватан, боиси ифтихорам туӣ.
Ватан, мабдаи эътиборам туӣ.
Ватан, тору пуди вуҷудам туӣ.
Ватан, қиблагоҳи суҷудам туӣ! -2 бор

3.

Ба софии оби зулолат қасам,
Ба покии хоку ҷалолат қасам,
Зи кӯҳсору водӣ ҳама тоҷикем,
Ҳама як тану ҷон ба ту содиқем! - 2 бор

Нақарот:



Суруд дар он даврае эҷод шудааст, ки қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурӣ дар репертуари худ теъдоди ками суруди роҳпаймоӣ (маршӣ) доштанд ва суруди мутантани «Садоқат» маҳз барои онҳо навишта шудааст. Он ҳамчун суруди миллии афсарон қабул карда шуд ва зуд дар байни онҳо маҳбубият пайдо кард. Ин суруд бо мазмуни худ афсаронро ба ватандӯстӣ ҳидоят намуда, эътиқодашонро ба шикастнопазирии қувваҳои мусаллаҳ пурқувват мекунад. Матн ва оҳанги суруд барои қадамзании низомии афсарон басо мувофиқ аст. Ҳар як мисраи шеър афсаронро ба тарбияи низомӣ ҳарбӣ ва ифтихор аз ватани озод раҳнамун месозад. Қасамёдкунии афсарон низ таҳти садои ҳамин суруд оғоз ва анҷом мeёбад.

Матн ва оҳанги суруд бояд табиӣ ва озод садо диҳад. Зарбу суръати маршии оҳанг ба ин мусоидат менамояд. Нотаҳои ҳаштякии нуқтадор ва бурро хондани нотаҳои шонздаҳякиро омӯхта, онро ба талаффузи якхелаи ҳиҷоҳои шеър баробар кардан лозим аст.




Ду ҷумлаи аввали нақарот дуовоза садо медиҳад. Овозҳоро алоҳида омӯхта, ба тоза садо додани онҳо муваффақ шуда, онро якҷоя сароед.




Овозҳоро дар як сатҳи муайян, тоза нигоҳ доштан мушкил аст, бинобар ин нуқтаҳоро бо суръати суст такрор карда, ба тоза садо додани он муваффақ шудан мумкин аст.

Дар хондани калимаи «Чу фарзанд» фосилаи **секстаи** хурдро алоҳида машқ кунед.






Дар ҷумлаи хотимавии суруд нафаси давомдор гирифта, ба тоза садо додани фосилаи **октава** гӯш карда хондан лозим аст. Барои он ки фосила бароятон баландӣ накунад, нотаи он **терсия** дар поён навишта шудааст.

## ПАРДА (СОЗ)

Сурудҳо метавонанд бо садоҳои гуногун иҷро карда шаванд, вале бо ин роҳ шакли суруд ва оҳанги он дигаргун намешавад. Вале ҳама садоҳо дар пардаҳои паст ё баланд иҷро ва навишта мешаванд. Пардаи суруд ва пардаи сеовозаи он дигар мешавад. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо ҷумлаи мусиқии зерин мисол шуда метавонад.



Ҷумлаи мусиқӣ дар пардаи сол тамом мешавад. Агар ин ҷумларо як парда поён нависем, пардаи садои нота **фа** мешавад.



Чунонки дидем, як парда поёнтар садо додани он дигар шуд. Номи парда ё соз ба он вобаста аст, ки он дар кадом садои асосӣ ҷой дорад. Мисол: садои пардаи аввал **сол-мажор** буд. Дар сеовозии **сол-си-ре**-садои сол пардаи асосӣ ҳисоб мегардад. Вақте ки оҳангро як парда поён (паст) навиштем, садои пардаи асосӣ **фа-мажор** мешавад.

Дар сеовозагии **ре-фа-ля** садои ре пардаи асосӣ ба шумор меравад.

Муайянкунандаи пардаҳои суруду навоҳо садои асосии он, садои асосии сеовоза, усули (лаҳни) оҳанг ва аломатҳои **диезу-бемоли** назди калид аст. Ин оҳангро шумо бисёр шунидаед. Онро ба хотир оред ва бо нота хонда, сози **мажорӣ** будани онро муайян кунед.



Суруди навбатиро аз оҳангҳои халқӣ бо нота хонед ва дар кадом сози **мажорӣ** навишта шудани онро муайян намоед.



Пардаи сози мусиқиро аз мисоли навбатӣ муайян кунед.

# ПАДРУД

**Мусиқӣ мешунавем:** Мусиқии К. Ҳалимов



Суруд мехонем:

# НАВРӮЗИ МАН

Шеъри Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ

Мусиқии К.Ҳалимов




хуш о - ма - дӣ, Нав - рӯ - зи ман.
Им - сол аз ҳар -
со - ла - и зе - бо - та - ру ҷаз - зоб - - -
Писарҳо:
тар, Гул - чеҳ - ра-ву гул - пе - ра - ҳан
Духтарҳо:
хуш о - ма - дӣ, Нав - рӯ - зи ман. Гул - чеҳ - ра-ву
Ҳама:
гул - пе - ра-ҳан хуш о - ма - дӣ, Нав
рӯ - зи ман,


Писарҳо:
Но - зи ту - ро бар - дош - - - тан фарз ас - ту
сун - нат баҳ - ри мо, Но - зук - а - до,
но - зук - ба - дан, хуш о - ма - дӣ, Нав - рӯ - зи
Духтарҳо:
ман. Аз ос - тон то ос - - - мон
4 нафар:
гул ме - ку - над о - лам ҳа - ма, Вас - фи - ту дар
Ҳама:
ҳар ан - ҷу - ман хуш о - ма - дӣ, Нав -
рӯ - - - зи ман. хуш о - ма - дӣ, Нав -
рӯ - - - зи ман.



Оғӯш пур аз ёсуман хуш омадӣ, Наврӯзи ман,
Ороста боғу чаман хуш омадӣ, Наврӯзи ман.

Мухри ҷавонӣ мезанӣ андар замири қалбҳо,
Бо ишваҳо бе як сухан хуш омадӣ, Наврӯзи ман.

Имсол аз ҳарсолаи зеботару ҷаззобтар,
Гулчеҳраву гулпераҳан хуш омадӣ, Наврӯзи ман.

Нози туро бардоштан фарз асту суннат баҳри мо,
Нозукадо, нозукбадан, хуш омадӣ, Наврӯзи ман.

Аз остон то осмон гул мекунад олам ҳама,
Васфи ту дар ҳар анҷуман хуш омадӣ, Наврӯзи ман.

Баҳор фасли зеботарини сол аст. Хусусан бошукӯҳ истиқбол гирифтани иди Наврӯз барои ҳар фард хурсандии нотакрор мебахшад. Чашмаҳо ҷӯш мезананд, табиат аз нав эҳё мешавад, гулҳои рангоранг мешукуфанд. Хуллас дар фасли баҳор ҳама оламу одам гӯё аз нав тавлид мешавад. Мардум Наврӯзро бо хурсандӣ истиқбол мегиранд. Эҷодкорон аз Наврӯз илҳом гирифта, шеъру сурудҳои нав ба нав эҷод мекунанд.

Дар мусиқӣ шеъру оҳанг ба ҳамдигар омезиш ёфтаанд. Суруд дар се банд иҷро карда мешавад. Ҳар банди суруд гуногун буда, фароварди онҳо ба ҳамдигар алоқамандӣ доранд.



Мусиқии он дар сози си-минор буда, бо суръати рақси анъанавӣ иҷро карда мешавад. Пеш аз он ки ба омӯзиши ин асар шурӯъ кунем, андоза ва суръати онро бо қарсак задан ифода карданамон зарур аст. Дар ҳар як тақтеъ як қарсак зада мешавад, зеро андозаи 3/8 ҳаминро талаб мекунад. Давоми омӯзиш бо талаффузи ҳиҷоҳои суруд сурат мегирад. Шумо бояд эҳсос кунед, ки усули ҳаракати рақсро аз худ намудаед.




Барои муайян кардани ҳаракати рақс саршавии ҳар як тақтеъ бо ҳиссаи шиддатдор қарсак зада мешавад. Сурудро 3-4 духтарҳо месароянд, ҷавоби дуовозаро ҳама иҷро мекунад.




Гурӯҳи духтарон ҳамчун «яккахон» оҳанги худро тоза месароянд ва ба навбат оҳанги якум ва дуюм омӯхта мешавад.

Ба он аҳамият диҳед, ки овозхонҳои якум баъди иҷрои яккахонон аз нотаи **ре** ба нотаи **ля** (фосилаи **квинта**) пурра ҳамоҳанг шуда наметавонанд, дар натиҷа фосилаи квинта тоза садо намедиҳад.



Барои ҳамин аз нотаи **ре-фа#-ля** сеовозаи мажорӣ сохта, якчанд маротиба машқ кунед. Баъд садои **фа#**-ро нахонда, садои **ре-ля**-ро такрор намоед. Дар ин сурат фосилаи **квинта** тоза садо медиҳад. Дар вақти омӯзиши банди

дуюми суруд ичро кардани оҳанг дар талаффузи калимаҳои «ҷаззобтар» ва «Гулчеҳраву» меҳнатталаб аст. Аз ин рӯ, тақтеи мусиқиро алоҳида такрор кардан ба мақсад мувофиқ мебошад. Банди сеюми суруд дар дигар лаҳн садо медиҳад, ки он хушоҳангии сурудро таъмин менамояд.




Ҳар як ҷумлаи мусиқиро алоҳида такрор карда, баъд якҷоя ба сурудхонӣ гузаред. Авҷи суруд дар банди сеюм ичро карда мешавад. Ҳар тақтеи онро алоҳида омӯхтан лозим аст.






Суруд бо кашиши овозхонҳо хотима меёбад. Бинобар ин то ба охир расидани навозиши мусиқӣ бояд нафаси чуқур гирифтанро давом дод.

**Наврӯзи ман**

Шеъри Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ, оҳанги Карим Ҳалимов.

Андозаи суруд 3/8, суръаташ миёна (Allegretto) буда, лаҳни он ре минор аст. Барои ансамблҳои касбӣ ва ҳаваскорӣ эҷод шудааст. Дар ҳавои рақси расмии валс ичро карда мешавад. Оғози суруд яковоза буда, баъди як ҷумлаи мусиқӣ ҷавобаш дар фосилаи дуовоза (квинта) тоза суруданро талаб менамояд. Кашиши охири овоз дар хотимаи оҳанг бояд то охири навозиши ансабли навозандагон нигоҳ дошта шавад.

Мусиқӣ мешунавем: порча аз "Шашмақом"

# НАСРИ СЕГОҲ



«Шашмақом» мусиқии классикии тоҷик буда, дар тӯли асрҳо такмилу густариш ёфта, бо номи тоҷикиаш то даврони мо омада расидааст ва қуллаи баландтарини мусиқии классикии профессионалии халқи тоҷик ҳисоб меёбад.

Аз ҷиҳати иҷроиш, навозиш ва усул “Шашмақом” шакли мураккаби сароияндагиро дар худ таҷассум кардааст. “Шашмақом” аз тарафи овозхонон ва навозандагон иҷро карда мешавад. Қисми алоҳидаи онро бо ҳамовозии танбӯр яккахонон иҷро мекунанд.

Шашмақом аз мақомҳои 1.Бузрук. 2.Рост. 3.Наво. 4.Дугоҳ. 5.Сегоҳ. 6.Ироқ таркиб ёфтааст.

Боз ҳар як мақом ба се қисм: яъне ба мушкилот (навозиш), наср (овозхонӣ) ва уфар (сурудҳои рақсӣ) ҷудо мешавад.

Навозиш ва иҷрои ҳар як мақом 3-4 соат давом мекунад.

“Шашмақом” мусиқии ҷомеъ (монументалӣ)-и тоҷик маҳсуб ёфта, моро ба дарк намудани фалсафаи зиндагӣ ҳидоят мекунад. “Шашмақом”-ро бе устод аз худ кардани ромишгарону овозхонҳо ғайриимкон аст, чунки он нозукиҳо ва сирру асрори зиёде дорад. Устодони машҳури “Шашмақом” Ота Ҷалолиддин Носиров, Ота Ғиёс Абдулғанӣ, Левӣ Бобохонов, Домулло Ҳалим Ибодов, Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов, Содирхон, Барно Исҳоқова, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов, Нериё Аминов ва дигарон мебошанд, ки ҳар кадомашон соҳиби мактаби худ ҳастанд.

“Шашамқом” дар 6 ҷилд нотанависӣ шудааст, ки барои наслҳои ояндаи сарояндагону навозандагон ҳамчун хазинаи бебаҳо хидмат мекунад.



Суруд мехонем:

# МАКТАБИ МО

Шеъри А. Species Бобоҷон Мусиқии Ҷ. Обидпур






1.

Мактаби номдори мо,
Олами ифтихори мо, } 2 бор
Нури умед медиҳад,
Бар дили беғубори мо. } 2 бор

Нақарот:
Мактаби мо накӯтарин
Мактаби дӯстдори мо. } 2 бор
Ҷумла мураббиёни ӯ
Мунису ғамгусори мо. } 2 бор

2.

Мактаби маърифат бувад
Мактаби эътибори мо. } 2 бор
Аз самари шарофаташ
Гул бикунад диёри мо. } 2 бор

Нақарот:
Мактаби мо накӯтарин
Мактаби дӯстдори мо. } 2 бор
Ҷумла мураббиёни ӯ
Мунису ғамгусори мо } 2 бор

Суруд дар лаҳни **ре минор** эҷод шудааст. Бо суръати тез ва дар ҳавои рақси анъанавӣ иҷро карда мешавад. Матни суруд бо оҳанг омезиш ёфта, ҳамдигарро пурра мекунанд. То оғози суруд навозиши оҳанг диққати ҳамаро барои овозхонӣ ҷалб мекунад. Се садои асосии нотаи **ре** дар аввали навозиш шунавандагонро ба қабули ҳамин соз омода месозад. Ду тақтеи охири оҳанг ҳам дар сози суруд садо медиҳад. Барои суръати рақсро муайян кардан шумо метавонед ба рӯйи миз ё парта ангуштзанон тақтеъ ва зарби онро ҳисоб кунед: 1 2 3 1 2 3 1 2 3 1 2 3 ва ғайра.

Рақами якро баландтар, рақами ду-серо пасттар зада, суръати оҳангро муайян мекунем.

Дар ҷумлаи дуюми оҳанг ба дуруст хондани нимпардаҳои **сол-фа** аҳамият диҳед. Дар ҷумлаи «Бар дили беғубори мо» нафаси пурқувват гирифта шавад, чунки оҳанг ба авҷ меравад. Дар сози **ре-минори** зинаи VI ду маротиба аломати **си-(бекар)** вомехӯрад, ки онро тоза сурудан лозим аст.

Калимаи «Накӯтарин» ва ибораи «Маскани дӯст»-ро якчанд маротиба бо оҳанг такрор карда, тоза хондани аломати **си-(бекар)**-ро машқ кунед.




Суруд бо се тақтеи кашиши овоз хотима меёбад. Мо бояд нафаси чуқур гирифта, се тақтеи кашиши овозро пурра ва бардавом иҷро карда тавонем.

## ФОСИЛАҲО

Масофаи байни ҳар як зинаҳои қаторовозаро фосила меноманд. Фосилаҳо ҳар хел мешаванд ва ҳар кадоме бо забони лотинӣ номи алоҳида дорад. Такрори зинаи якум **прима** ном дорад. Онро бо рақами 1 ишора мекунем.

**Секунда** фосилаи дуюми байни ду садо мебошад, ки онро бо рақами II ифода мекунанд. Терсия маънии сеюмро дорад, фосилаи байни ду садо аст. Он баъди як зина ҷойгир шудааст.

**Кварта** (чорум). Фосилаи байни зинаи якум ва чорумро кварта (IV) меноманд.

**Квинта** (панҷум). Фосилаи байни зинаи якум ва (V) панҷумро квинта мегӯянд.

Садои охирини сеовоза фосилаи квинтаро ташкил медиҳад. Масофаи байни зинаи якум ва шашум (VI) **секста** ва масофаи байни зинаи якум ва ҳафтум (VII) **септима** ном дорад. Онҳо бо аломати VI ва VII ифода карда мешавад. Такрор шудани ҳамон садо баъди зинаи ҳафтум (VII) **октаваро** (VIII) ташкил медиҳад.




Барои дарки фосилаи пардаҳо машқҳои зеринро иҷро намудан лозим аст:



# ТАЛАБХӮҶА САТТОРОВ



Сатторов Талабхӯҷа соли 1953 дар деҳаи Гулзори Кӯлоб таваллуд шудааст. Аз даврони хурдсолӣ ба мусиқӣ шавқу рағбати зиёде дошт. Ҳамчун ҳаваскор якчанд асбобҳои мусиқиро менавохт. Ӯ соли 1973 ба омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе дохил шуда, дар назди бастакор Д.В. Дӯстмуҳаммадов ва А. Солиев ҳунари оҳангсозиро омӯхтааст. Соли 1978 пас аз хатми омӯзишгоҳ ба консерваторияи Давлатии шаҳри Маскав ба номи П.И. Чайковский дохил мешавад. Баъд аз хатми он соли 1984 ӯро ба шуъбаи ассистентураи (коромӯзии) консерватория пазируфтанд. Соли 1986 пас аз анҷоми ассистентура дар Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода дар вазифаи декани факулта ва баъдтар ҳамчун ректори Донишкада кор мекунад. Аз соли 2003 ректори Консерваторияи миллии Тоҷикистон интихоб шуда, то дами охирини ҳаёт дар ин вазифа кор кард. Соли 2007 риштаи ҳаёташ канда шуд.

Профессор Талабхӯҷа Сатторов барандаи мукофоти ҷумҳуриявии ба номи Борбад буда, дорандаи ордени «Дустӣ» ва профессори фахрии консерваторияи миллии Қирғизистон мебошад.

Эҷодиёти композитор Талабхӯҷа Сатторов серпаҳлу буда, дар тамоми жанрҳои мусиқӣ асарҳо офаридааст. Дар асоси достони «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ операи «Рустам ва Сӯҳроб»-ро навиштааст. Барои хори профессионалӣ асарҳои зиёде ба монанди Оратория-балети «Фарёди дуриҳо», кантатаи «Ҷаҳони тоҷикон», «Самои бахт», «Душанбе», «Бӯйи ҷӯйи мулиён»-ро эҷод кардааст.

Мусиқии саҳнаҳои драмавии «Фишор», «Антигона», «Дар чорсӯ», «Заволи Ҷамбули мастон» ва ғайра ба қалами Талабхӯҷа Сатторов тааллуқ дорад. Барои кинофилмҳою асарҳои камеравӣ мусиқӣ офарида, дар такмили сурудҳои халқӣ ва сурудҳои бачагонаи зиёде саҳм гирифтааст.

Суруд мехонем:

# ДУХТАРИ ДОЙРАДАСТ

Шеъри Н. Боҳирӣ

Мусиқии Т. Саттор






Нақарот:
Духтари дойрадастам,
Доираам ба дастам.
Хурдакакам, валекин
Ошиқи санъат астам.

1
Ғунчаи боғи санъат,
Нури чароғи санъат,
Ҷойи ман аст фардо,
Саҳна фарохи санъат

2
Ин ҷо давед бачаҳо,
Тайёр шавед бачаҳо.
Ман машқро навозам,
Бозӣ равед, бачаҳо.

Нақарот:
Духтари дойрадастам,
Доираам ба дастам.
Хурдакакам, валекин
Ошиқи санъат астам.

Мо ҳоло яке аз сурудҳои бачагонаи ӯро, ки «Духтари дойрадаст» ном дорад, барои омӯзиш пешниҳод менамоем. Аз номи суруд пай бурдан душвор нест, ки духтар хурдсол бошад ҳам, ба дойразанӣ завқи зиёде дошта, дилбохтаи санъат будааст. Таҳти дойразании ӯ бачаҳо мерақсанд ва шодӣ мекунанд. Духтарак бо ин ҳунараш дар оянда мумкин санъаткори хуб шавад. Ба ҳамин шеър оҳангсоз Талабхӯҷа Сатторов мусиқӣ эҷод кардааст. Аз таваққуфи мусиқӣ ва суръати навозиши он характери суруд ҳис карда мешавад. Хусусан симои навозиши дойрадаст пеши назар меояд. Оҳангсоз онро бо аломатҳои ороиши мусиқӣ хеле хуб тасвир кардааст.



Барои аз худ намудани мавзунияти суруд дар як тақтеъ ду қарсак задан лозим аст. Усули сурудро аз суръати нишондодашуда сусттар задан даркор аст. Дар ҷараёни омӯзиш мумкин аст хондани матни шеър бо задани қарсак якҷоя иҷро карда шавад. Барои шинос шудан бо суруди нав онро як-ду маротиба хондан ва навохтан лозим аст. Акнун бо шумо ҳар як ҷумлаи онро алоҳида меомӯзем. Ба тоза хондани мисраи дуюми оҳанг аҳамият диҳед: якбора дар як тақтеъ ду фосилаи **кварта** иҷро карда мешавад. Хусусан иҷрои фосилаи квартаи дуюм мушкилтар аст. Бинобар онро бо суръати суст, бо нота хондан, навохтан зарур мебошад, ки ба мақсад мувофиқ аст.




Иҷрои ҷумлаи сеюм ҳам меҳнатталаб аст. Аз ин рӯ, тақтеи якум ва дуюм алоҳида омӯхта мешавад. Хусусан нотаи **ля, сол#** ва хондани **сол(бекар)** якчанд маротиба бояд такрор гардад.



Дар ёд доред, ки барои равон хондани суруд ҳар мисраи шеър тақтеъбандӣ ва ба вазни мусиқӣ мутобиқ гардонида шудааст.

Охири иҷрои суруд ба задани дойра хотима меёбад. Чун итминон ҳосил кардед, ки сурудро тоза иҷро карда метавонед, дар ҳавои он 2-3 нафар метавонанд рақс кунанд.





ЧОРЯКИ ЧОРУМ

Мусиқӣ мешунавем:

# ФАЛАКИ ДАВЛАТМАНД

Адворбардор Ф.Одина




та - мо - шо до - рад, эй
Чон, гуф - там би - ра - вам
пе - ши фа - лак гир - я ку - нам, эй.
Чон, аз ги ря - и ман
фа - лак чӣ пар - во до - рад, эй,
чӣ пар - во
до-рад, эй эй.

Фалаксарой таърихи зиёда аз ҳазорсола дорад. Бо тамоми хусусиятҳояш аз сурудҳои ноҳияҳои дигари Тоҷикистон фарқ мекунад. Сарчашмаи ин суруди мардумӣ аз асри IX-X ибтидо мегирад. Фалак ин муноҷоти инсон бо олами кайҳонӣ мебошад. Фалаксарой, тарзи хониш ва ифодаи он новобаста ба давру замон инкишофу тағйир ёфт. Инро дар панҷ навъи фалак мушоҳида кардан мумкин аст.



1. Фалаки даштӣ сурудест, ки бе ҳамовозии сози мусиқӣ аз ҷониби як нафар овозхон иҷро карда мешавад.

2. Фалаки роғӣ як навъи сурудест, ки бо иштироки созҳои мусиқӣ садо медиҳад. Ҷойи пайдоиши он вилояти Роғи Афғонистон мебошад.

3. Фалаки дарвозӣ ба фалаки роғӣ алоқаи бевосита дорад. Аммо дар ин тарзи фалакхонӣ аввал оҳанг навохта шуда, баъд садои гӯянда ба гӯш мерасад. Ин тарзи хониш дар Дарвоз ва Дашти Ҷум маъмул аст.

4. Фалаки афғонӣ, ки онро гоҳе фалаки бадахшонӣ низ гӯянд. Дар ин ҷо навозиши сози торӣ фаъолтар буда, силсилаи навозиши мусиқӣ бештар ба гӯш мерасад.

5. Фалаки кӯҳистонӣ тарзи хониши умумӣ дошта, дар ҳама ноҳияҳои ҷануби ҷумҳурӣ ва як қисми ноҳияи шимол шунида мешавад. Дар ноҳияҳои Файзобод, Ғарм, Рашт, водии Ҳисор ва як қисми Хатлонзамин фалаксарой хусусиятҳои хосси мардумӣ пайдо кардааст. Дар ин навъи фалак гурӯҳи калони овозхонон ширкат меварзанд. Шариф Ҷӯраев, Сайдалӣ Ализода (шоир), Одина Ҳошимов, Гулчеҳра Содиқова, Ҳаким Маҳмудов, Давлатманд Холов, Сафар Муродов ва дигарон гӯяндагон ва машшоқони машҳури фалаксаро ҳисоб меёбанд, ки дар тарғибу равнақи ин жанри мусиқӣ нақши бузурге бозидаанд.

Суруд мехонем:

# ВАХДАТИ МО

Шеъри Мирзо Файзалӣ

Мусиқии К.Ҳалимов






Иқтидори давлати мо,
Ифтихори миллати мо.
Шуҳрати мо шавкати мо,
Ваҳдати мо, Ваҳдати мо.

Парчами пирӯзии мо,
Олами хушрӯзии мо.
Ризқи мову рӯзии мо,
Ваҳдати мо, Ваҳдати мо.

Тифлакон хушбахту хандон,
Модарон хуррам зи даврон.
Ҷумларо осоиши ҷон,
Ваҳдати мо, Ваҳдати мо.

Осмони софи кишвар,
Бахтро рахшанда ахтар.
Роҳи фардои мунаввар,
Ваҳдати мо, Ваҳдати мо.

**Ваҳдати мо**

Шеъри Мирзо Файзалӣ,оҳанги Карим Ҳалимов.

Асар дар андозаи 6/8 эҷод шуда,суръаташ мулоим (Moderato) мебошад. Суруд дар лаҳни **до мажор** навишта шудааст. Асар барои ансамблҳои овозхонӣ

тавсия шудадст. Он аз 4 банд иборат буда, ба тарзи овозхонии пайдарҳамӣ иҷро карда мешавад, ки онро дар мусиқӣ **иммитатсия** меноманд. Ҳангоми иҷрои асар кӯшиш кардан зарур аст, ки кашиши овоз то охири ҷавоби овозҳои якум нигоҳ дошта шавад.

## АНДОЗАИ 6/8

Бо ин андоза шумо борҳо суруд хондаед, вале ҳисоби тактеи он бароятон номаълум буд. Ҳиссаҳои асосии андоза нотаҳои хаштякӣ мебошанд, ки он ба ду гурӯҳи сеҳаштякӣ ҷудо мешавад.





Як тактеъ ду ҳиссаи заданок дорад - ҳиссаи якум ва ҳиссаи чорум. Ҳиссаи заданоки чорум назар ба ҳиссаи якум он қадар қувватнок нест.




Сурудҳои дар ин андоза навишташуда равон ва ҳамвор садо медиҳанд.

## БА ХУБОН

Оҳанги халқ




Бештари рубоиёти халқӣ ва шеъру ғазалҳо дар андозаи 6/8 иҷро карда мешаванд. Аз ин сабаб оҳангҳои халқӣ ва касбӣ ҳам дар ҳамин андоза бештар садо медиҳанд. Мисоли зерин гувоҳи ин гуфтаҳост.

# МУЖДАИ БАҲОР

Шеъри М. Бедил

Мусиқии халқ, такмили К. Ҳалимов




Дар сурудҳои рақсӣ андозаи 6/8 васеъ истифода карда мешаванд. Табиати мусиқии тоҷик аз азал бо ҳамин усул асос ёфтааст. Қисми асарҳои калонҳаҷми мусиқӣ низ дар ҳамин андоза навишта шудаанд.

# ТОҶИКИСТОН ВАТАНАМ

Шеъри М. Ғоибов

Мусиқии К. Ҳалимов




# ДАРС - КОНСЕРТ

А) САВОЛҲО:
1. Суруди «Наврӯзи ман» - ро ба хотир биёред.
2. Суруди «Мактаби мо» - ро такрор кунед.
3. Фосилаи мусиқӣ чист? Онҳоро номбар кунед.
4. Дар бораи Талабхӯҷа Сатторов чӣ медонед? Оҳангҳои ӯро номбар кунед.
5. Суруди «Духтари дойрадаст»- ро такрор кунед.
6. Дар кадом андозаи мусиқӣ сурудҳои рақсӣ бештар садо медиҳанд?
7. Қисмҳои «Шашамқом» чӣ ном доранд?
8. Намудҳои «Фалак» - ро ба хотир биёред ва устодони фалаксароёни номиро номбар кунед.

Б) БАРНОМАИ КОНСЕРТӢ (10-15 дақиқа):
1. «Наврӯзи ман». Мусиқии К. Ҳалимов.
2. «Мактаби мо». Мусиқии Ҷ. Обидпур.
3. «Духтари дойрадаст». Мусиқии Т. Сатторов.

# ВАҚТ

Шеъри Н. Алиева

Мусиқии Ҷ. Обидпур




Да - дом гӯ - яд
вақ - там нест
А - ком гӯ - яд
(вой, - вой)
Нақарот:
вақ - там нест,
вақ -там нест
Вақт ху - даш чӣ бо шад ?
( вақ - там нест)
Вақт ху - даш чӣ бо - шад?
Со ҳи - би вай кӣ бо - шад ?
Ме ҷӯ - ям аз па - го - ҳӣ
Ме - ё - бам то бе - го - ҳӣ.
Ме - о - ра - маш як то - на
Ме - о - ра - маш як то - на




1

Очам гӯяд вақтам нест,
Момам гӯяд вақтам нест,
Дадом гӯяд вақтам нест(вой, вой),
Аком гӯяд вақтам нест.
Нақарот:
Вақт худаш чӣ бошад?
Соҳиби вай кӣ бошад?
Мечӯям аз пагоҳӣ.
Меёбам то бегоҳӣ.
Меорамаш як тона
Барои аҳли хона.

2

Пас қисса гӯяд момам,
Шинам бағали очам.
Бозӣ кунам бо аком (вой, вой),
Савол диҳам ба додом (ба додом).
Нақарот:

3

Бегоҳӣ-ку серкорам,
Канӣ вақте-сар хорам?
Барои кофтани вақт (вой, вой),
Афсӯс ки вақт надорам (надорам).
Нақарот:

# КИШВАРИ СОМОНИЁН

Шеъри Алӣ М. Хуросонӣ (Қисми якуми сюитаи рақсию овозӣ) Мусиқии К.Ҳалимов






Бо мутрибу май биншин дар базми каломи мо,
Бо меҳру муҳаббат о, ойӣ ба саломи мо.
Баргир ниқоб аз рух, бо ҷамъи ҳабибон шав,
Дониста мароми худ, дониста мароми мо. (2 бор)
По дар ҳараму бо дил, аз дайр сухан гӯй,
Як руй на осон аст, дарёб низоми мо. (2 бор)
Эҳсону сахо дорӣ, найсону баҳоронӣ, (2 бор)
Дар ҳеҷ варақ ғунҷад авсофи кироми мо. (2 бор)

**Кишвари Сомониён**

Шеър аз Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ, оҳанги Карим Ҳалимов мебошад. Асар барои сюитаи овозию созӣ ва рақсӣ эҷод шуда, андозааш 6/8 ва 7/8 мебошад. Асар дар суръатҳои на он қадар тез (allegretto moderato), тезтар (allegro) ва тези бо тантана (allegro maestoso) иҷро карда мешавад. Асар аз як ва ду овоз иборат буда, ҳангоми иҷро ҳама тобишнокиҳои он бояд қисм ба қисм якхела риоя карда шавад. Хусусан, баробар ва ҷӯр иҷро кардани овозҳои мардонаву занона риоя карда мешавад.

# СУЛҲУ РИЗО

Шеъри Н. Бақозода — Мусиқии Х.Абдуллоев




Сулҳу ризо гар шавад, - 2 бор.
Аз дили мо сар шавад. -2 бор.
Аз дили пурҷӯши мо
Нияти некӯи мо
Накарот:
Сулҳу ризо баҳри мо
Ҳаст чу обу ҳаво.

Сулҳу ризо ҳукмрон, - 2 бор.
Даст ба кор одамон. - 2 бор.
Бачаҳакон шодмон
Ҷониби мактаб равон.
Накарот:
Сулҳу ризо баҳри мо
Ҳаст чу обу ҳаво.

# УШТУР БА ЧАМАН

Мусиқии халқ

**Allegro moderato (тези муътадил)**



Нақарот:
Уштур ба чаман дар баландие.
Лабҳои шутур хоракандие.

1

Хоракандӣ, боракандӣ,
Мехчабандӣ, фиш, фишандие.
Биние шутур фиш, фишандие.
Нақарот:

2

Хоракандӣ, боракандӣ,
Мехчабандӣ, фиш, фишандие
Гӯшҳои шутур пилтабандие.
Нақарот:

3

Каллаи шутур калақандие.
Нақарот:

4

Гардани шутур качқаландие.
Нақарот:

5

Ишками шутур табли ҷангие.
Нақарот:



# МАКТАБАМ

Шеъри Маҳзун

Мусиқии А.Мӯсоев






1

Мактабам, ҷони ман,
Бахту армони ман.
Аз ту дорад фурӯғ
Нури чашмони ман.
Дӯстон ёфтам
Дар канори ту ман.
Баҳра дод устод
Бар ман аз илму фан.

Нақарот:
Мактабам, ҷони ман,
Бахту армони ман.
Аз ту дорад фурӯғ
Нури чашмони ман.

2

Дар раҳи илму фан
Дида бикшо маро.
Баски бе ҷабри ту
Нест фардо маро.
Дӯстон ёфтам
Дар канори ту ман.
Баҳра дод устод
Бар ман аз илму фан.

Нақарот:
Мактабам, ҷони ман,
Бахту армони ман.
Аз ту дорад фурӯғ
Нури чашмони ман.



# ЯЛАЛИ БОБО

Суруди халқии тоҷик




Аз кӯзагарон кӯза,  
Аз мӯзагарон мӯза,  
Кӯзаю мӯза ба дастам,  
Ялали бобо ялла.

Аз анҷирфурӯш анҷир,  
Аз занҷирфурӯш занҷир,  
Кӯзаю мӯзаю анҷиру занҷир ба дастам,  
Ялали бобо ялла.

Аз аррафурӯш арра,  
Аз баррафурӯш барра,  
Кӯзаю мӯзаю анҷиру занҷир, арраю барра ба дастам  
Ялали бобо ялла.

## Мундарича

Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шеъри Гулназар Келдӣ, мусиқии Сулаймон Юдаков (дарси такрорӣ)............................. 7
Мо дар иҳотаи мусиқӣ......................................................................................................10
Овози худро эҳтиёт кунед ...............................................................................................10
Қоидаҳои сурудхониро ба ёд оред....................................................................................11
Нимсолаи якум:
Машқҳои овозхонии умумӣ.............................................................................................12
Машқҳои яковоза .............................................................................................................12
Машқҳои дуовоза .............................................................................................................16
Сохти лаҳнҳо (лан) ..........................................................................................................19
Тарҷумаи ҳол эҷодиёти композитор Фаттоҳ Одина ........................................................21
Суруд мехонем: "Мо тоҷиконем", шеъри Лоиқ Шералӣ, мусиқии Фаттоҳ Одина ...........23
"Дуои модар", шеъри Раҳмат Назрӣ, оҳанги Карим Ҳалимов ..........................................27
Зарбу усул .........................................................................................................................29
Суруд мехонем: "Шаҳри ман", шеъри С.Давлатзода, мусиқии Карим Ҳалимов .............30
Парда ва нимпарда ...........................................................................................................35
Мусиқӣ мешунавем: "Ташниз", оҳанги халқ ....................................................................37
Суруд мехонем: "Ватан", шеъри Бозор Собир, мусиқии Карим Ҳалимов.........................39
Нимсолаи дуюм:
Сохти қаторовозаи мажорӣ ..............................................................................................43
Суруд мехонем: "Зиндагӣ", шеъри Лоиқ Шералӣ, мусиқии Карим Ҳалимов ..................44
Суруд мехонем: "Суруди садоқат", шеъри К.Олимов, мусиқии Саидқул Билолов...........47
"Парда" (соз) ....................................................................................................................50
Суруд мехонем: "Наврӯзи ман", шеъри Алӣ Муҳаммадӣ .................................................52
Мусиқӣ мешунавем: "Насри сегоҳ", порча аз "Шашмақом"..............................................58
Суруд мехонем: "Мактаби мо", шеъри Алӣ Бобоҷон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур ..........61
Фосилаҳо ..........................................................................................................................61
Тарҷумаи ҳол ба эҷодиёти композитор Талабхӯҷа Сатторов ...........................................64
Суруд мехонем: "Духтари дойрадаст", шеъри Н.Боҳирӣ, мусиқии Талабхӯҷа ................
Сатторов ...........................................................................................................................65

Мусиқӣ мешунавем: "Фалаки Давлатманд"........................................................................................69
Суруд мехонем: "Ваҳдати мо", шеъри Мирзо Файзалӣ, мусиқии Карим Ҳалимов .............72
Андозаи 6/8 аз назарияи мусиқӣ..........................................................................................74
"Вақт", шеъри Н.Алиева, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур ........................................................74
"Кишвари сомониён" Алӣ М. Хуросонӣ.............................................................................79
"Сулҳу ризо", шеъри Наримон Бақозода, мусиқии Хайрулло Абдуллоев ...........................81
"Уштур ба чаман", оҳанги халқии тоҷикӣ .........................................................................82
"Мактабам", шеъри Маҳзун, мусиқии А.Мӯсоев .................................................................84
"Ялали бобо", суруди халқии тоҷикӣ ..................................................................................86

КАРИМ ҲАЛИМОВ

# Суруд ва мусиқӣ

Китоби дарсӣ барои синфи 6

(Нашри дуюм)

Муҳаррир *К. Исрофилова*
Муҳаррири техникӣ *А. Умаров*
Тарроҳ *Ф. Неъматов*
Саҳифабанд *Ф. Раҳимов*

---

Ба матбаа супорида шуд 00.00.2014. Ба чоп имзо шуд 00.00.2014.
Андозаи 84x108 1/16. Коғази офсет.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9,24. Ҷузъи чопии воқеӣ 5,5.
Адади нашр __________. Фармоиши №__.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
7340243, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66
E-mail: haitova@inbox.ru